# ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии лоиҳаи
қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235”

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235” |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Июни 2025 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 13 январи соли 2025 ҷойгир карда шуда, аз 13 январ то 12 феврали соли 2025 машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2025, №34/2с пешниҳод гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар | Бо баробари пешрафти технология хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ низ рушду такомул ёфта, роҳу усул ва технологияи пешниҳоди онҳо тағйир ёфта истодааст. Тайи чанд соли охир дар низоми бонкии кишвар намудҳои нави хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамзҳо, пардохтҳои бетамос |

| | |
|---|---|
| ягон амал андешида нашавад | бо истифодаи смартфонҳо ва смартсоатҳо ворид шуда, сатҳи истифодаи онҳо аз ҷониби муштариён бо суръати баланд афзуда истодааст.<br>Дастурамали №201 "Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ" бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 ноябри соли 2013, №721 ба қайд гирифта шудааст. Бинобар сабаби ҷорӣ гардидани хизматрасониҳои фосилавии нав дар низоми бонкии кишвар, асосан пас аз солҳои 2019-2020 ҷорӣ шудаанд, дар дастурамали мазкур чунин намуди хизматрасониҳо танзим нашудаанд. Инчунин, талаботи бехатарии дар дастурамали мазкур пешбинишуда ба талаботи меъёрҳои байналмиллалии муосир ҷавобгӯй намебошад.<br>Аз ин лиҳоз, пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ тавассути технологияҳои муосир ва истифодаи он ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ шудааст, аз ҷумла сатҳи нокифояи таъмини амнияти иттилоотӣ, ҷой доштани амалҳои қаллобӣ ва нокифоягии дониши молиявии муштариён мебошад, ки метавонад боиси паст шудани боварӣ ба хизматрасониҳои фосилавӣ гардад.<br>Мушкилиҳои асосӣ:<br>1. Афзоиши амалҳои қаллобӣ, ки бо истифодаи технологияҳои фосилавӣ ба маълумот ва маблағҳои муштариён таҳдид мекунанд.<br>2. Набудани стандартҳои умумӣ ва возеҳи амниятӣ барои пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ.<br>3. Сатҳи пасти огоҳии молиявии муштариён дар бораи чораҳои амниятӣ.<br>22 июни соли 2023 таҳти №586 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" ба тасвиб расид. Мутобиқи қисми 4 банди 2 Фармони мазкур Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ вазифадор шудаанд, ки якҷо бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдӣ чораҷӯйӣ намоянд.<br>Вобаста ба гуфтаҳои боло, Бонки миллии |

| | |
|---|---|
| | Тоҷикистон муҳиммияти рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва таъмини амнияти истифодаи онҳоро зарур шуморида, бо мақсади оммавӣ гардонидани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, таъмини бехатарии пардохтҳо, афзоиши ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ тасмим гирифтааст, ки ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235 тағйиру иловаҳо ворид намояд.<br>Оқибатҳои эҳтимолӣ дар ҳолати таҳия ва қабул накардани санади меъёрии ҳуқуқӣ:<br>1. Зарари молиявӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо бо сабаби дучор шудан ба амалҳои қаллобӣ.<br>2. Паст шудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ.<br>3. Кам шудани истифодаи хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, ки ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.<br>Хулоса:<br>Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235 барои ҳалли ин мушкилот зарур аст. Он бояд талаботҳои возеҳро оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ, идоракунии хавфҳо, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва масъулияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар кунад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади асосии давлат аз дахолат дар самти хизматрасонии фосилавии бонкӣ тақвияти рақамисозии иқтисод, таъмин намудани суботи молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, коҳиш додани хавфҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди хизматрасониҳои фосилавӣ ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад.<br>Мутобиқи қисми 5 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо мақсади таъмини эътимоднокии низоми пардохтӣ талаботи ҳадди ақал оид ба эътимоднокӣ ва таъмини амнияти иттилооти бонкӣ, ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ ва |

| | |
|---|---|
| | интиқоли маблағҳоро муқаррар намояд. Бо ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235”-ро таҳия намояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур, ки ба танзими хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ нигаронида шудааст, чунин чораҳо пешбинӣ мешаванд:<br>- муҳофизати маълумоти муштариён;<br>- пешгирии амалҳои қаллобӣ тавассути ташкили низоми мониторинг ва таҳлили амалиётҳо дар вақти воқеӣ барои ошкор кардани амалиётҳои шубҳанок;<br>- таъмини амнияти замимабарномаҳои мобилӣ, интернет-бонкинг, терминалҳо, банкоматҳо ва дигар воситаҳои электронии пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии муштариён<br>- мутобиқ намудани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ба стандартҳои байналмилалӣ;<br>- танзим ва назорати хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ;<br>- ҷорӣ намудани технологияҳои муосир барои пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ.<br>**Уҳдадориҳо**<br>Дар доираи қарори мазкур ташкилотҳои қарзӣ уҳдадор карда мешаванд, ки:<br>- ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ аз тасдиқи аслияти бисёромила истифода намоянд;<br>- дар замимабарномаҳои мобилии худ технологияи тасдиқи аслияти муштариёнро бо истифодаи маълумоти биометрӣ татбиқ намоянд;<br>- дар замимабарномаҳои мобилӣ дастрасӣ ба ҳисоби шахсии муштариро танҳо аз як таҷҳизот иҷозат дода, кӯшишҳои ворид шудан аз таҷҳизоти нав ё номаълумро банданд ва муштариро дар ин бора огоҳ намоянд;<br>- амалиёти хароҷотӣ тавассути замимабарномаҳои мобилиро бо истифодаи тасдиқи аслияти бисёромила анҷом диҳанд;<br>- барои пайваст намудани кортҳои пардохтии бонкӣ ба замимабарномаҳои мобилӣ аз протоколҳои |

| | |
|---|---|
| | бехатарии онлайн-пардохтҳо, ки ношир татбиқ кардааст, истифода намоянд;<br>- ҳар семоҳа тибқи шакли муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои қаллобӣ дар рафти пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ҳисобот пешниҳод намоянд;<br>- низоми бехатарии бисёрсатҳаро истифода намоянд;<br>- пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкиро бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом амалӣ намоянд;<br>- дорои низоми мониторинг бошанд, ки он барои ошкор намудани амалҳои беиҷозат ва шубҳанок дар низомҳои иттилоотӣ ва ҳисобҳои шахсии муштариён қодир бошад;<br>- фаъолияти хадамоти дастгирии муштариёнро вобаста ба хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар реҷаи 24/7/365 тавассути тамоми роҳҳои дастрас, аз ҷумла, телефон, чат, шабакаҳои иҷтимоӣ, почтаи электронӣ ва ғайра таъмин намоянд;<br>- барои пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ ва ҳалли баҳсу шикоятҳои марбут ба бехатарии хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ бояд корманди алоҳида ё сохтори махсусгардонидашуда дошта бошанд;<br>- бо санадҳои меъёрии дохилӣ тартиби боздошт ва барқарор намудани дастрасӣ ба воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳисоби шахсии муштариёнро муқаррар намуда, дар асоси он фаъолият кунанд.<br>Дар лоиҳаи мазкур маҳдудиятҳо пешбинӣ карда нашудаанд.<br>Хулоса:<br>Ин чораҳо барои таъмини амнияти хизматрасониҳои фосилавӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва таҳкими эътимод ба низоми молиявии кишвар равона шудаанд. Татбиқи ин талабот метавонад сатҳи амнияти иттилоотии хизматрасониҳои бонкиро баланд бардошта, хатари дучор шудан ба амалҳои қаллобиро коҳиш диҳад. |

| | |
|---|---|
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Ба ҷузъ аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 сентябри с. 2013, №235 дигар роҳи ҳал кардани мушкилиҳо вуҷуд надоранд, зеро маҳз қарори мазкур санади меъёрии зерқонунӣ буда, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ, идоракунии хавфҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва масъулияти ташкилотҳои қарзии молиявиро муқаррар менамояд.<br>Бонки миллии Тоҷикистон бо якчанд дастурҳои худ (мактуби расмӣ) ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ талаботи ҳадди ақалро барои баъзе намудҳои хизматрасонии фосилавӣ муқаррар карда, онҳоро вазифадор намуд, ки барои баланд бардоштани чораҳои амниятӣ ва пешгирии амалҳои қаллобӣ чораҷӯӣ намоянд. Аммо, бояд қайд кард, ки самти хизматрасонии фосилавии бонкӣ бениҳоят васеъ ва муҳим буда, бо мактубу дастурҳо танзимнамоии он ғайрисамаранок мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br>Қабули лоиҳаи қарори мазкур ба ҷомеа ва иқтисодиёт таъсири назаррас хоҳад расонд. Оқибатҳои асосӣ чунинанд:<br>1. Оқибатҳои иҷтимоӣ:<br>- баланд шудани сатҳи амнияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ;<br>- баланд шудани сатҳи дониш ва фарҳанги молиявӣ;<br>- баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ;<br>- коҳишёбии нигаронии муштариён аз амалҳои қаллобӣ ҳангоми истифода аз хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ.<br>2. Оқибатҳои иқтисодӣ:<br>- рушди иқтисоди рақамӣ;<br>- кам шудани хисорот аз қаллобӣ;<br>- рақобати солим дар бозори молиявӣ;<br>- ҷалби сармоягузориҳо;<br>- таъмини суботи молиявӣ;<br>- баланд бардоштани даромади ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи дарозмӯҳлат.<br>Хулоса:<br>Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори мазкур ба баланд бардоштани сатҳи амният, |

| | |
|---|---|
| | густариши иқтисоди рақамӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори мазкур ба густариши иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи амнияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, баланд шудани сатҳи дониш ва фарҳанги молиявӣ, кам шудани хисорот аз қаллобӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад. Пас аз мавриди амал қарор гирифтани тағйиру иловаҳо дар назар аст, ки ташкилотҳои қарзӣ ҳар семоҳа тибқи шакли муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои қаллобӣ дар рафти пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ҳисобот пешниҳод намоянд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 августи соли 2025 |

Муовини раис Икромӣ С. С.